# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар раванди таълими забони хориҷӣ технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ пешсафанд, онҳо нисбат ба усулҳои анъанавии таълим ҷиҳати инфиродияти таълим бо назардошти қобилият ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як муҳассил, суръати инфиродии кори ҳар як муҳассил, шиддат гирифтани кори мустақилонаи хонандагонро мушоҳида кардан, баланд шудани фаъолияти маърифатӣ бартариҳои зиёд доранд.

Инҳо на танҳо василаҳои нави техникӣ, балки шаклу усулҳои нави таълим, муносибати нав ба раванди таълим мебошанд. Маълум аст, ки ҳадафи асосии таълими забонҳои хориҷӣ ташаккул ва рушди фарҳанги коммуникатсионии донишҷӯён, таълими азхудкунии амалии забони хориҷӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи муҳими омӯзгор сохтани ҳолатҳои воқеӣ ва ғайривоқеии иртиботу муошират дар дарси забони хориҷӣ бо истифода аз усулҳо ва тарзҳои гуногуни кор (бозиҳои нақшофарӣ, мубоҳисаҳо, лоиҳаҳои эҷодӣ ва ғ.) мебошад. Истифодаи воситаҳои муосир, аз қабили компютер, барномаҳои компютерӣ ва технологияҳои интернетӣ, инчунин омӯзиши муштарак ва технологияи лоиҳаҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ин масъаларо ҳал кунем.

Дар раванди таълим унсурҳои ТИК, ки зуд-зуд истифода мешаванд: китобҳои дарсӣ ва дастурҳои электронии бо истифода аз компютер ва проектор, тахтаҳои интерактивӣ, энсиклопедияҳои электронӣ ва маълумотномаҳо, симуляторҳо ва барномаҳои санҷишӣ, захираҳои таълимии Интернет, DVD-ҳо ва CD-ҳо бо расмҳо ва тасвирҳо, таҷҳизоти

видео ва аудио, харитаҳо ва атласҳои интерактивӣ ва ғ. басо муфид ба ҳисоб мераванд.

Аҳамият ва навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ ин масъала дар педагогикаи тоҷик, объекти омӯзиши махсуси муҳаққиқон қарор нагирифта буд.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати назарявӣ асоснок кардан ва дар ташхис санҷида баромадани самаранокии методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо дастгирии технологияи компютерӣ. мебошад. Мувофиқи ин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳое муайян карда шудаанд, ки ба ошкорсозии хусусиятҳои хос ва афзалиятҳое, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативии МТИ-ро фаро мегиранд; нишон додани хусусиятҳои интегративии мақсади таълими ЗХ дар синфҳои ибтидоӣ бо воситаи муайян кардани вобастагиҳои маъмули салоҳиятмандӣ ва саводнокии ТИК; муайян кардани моҳияти дастгирии компютерӣ ҳамчун қисмати муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ; дар асоси илмӣ интихоб ва ташкил намудани барномаҳои компютерии маърифатие, ки таълими забони англисиро барои хонандагони хурдсол дастгирӣ мекунанд; мушаххас гардонидани маҷмӯи принсип, метод ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими ЗА ба хонандагони хурдсол; дар рафти кори озмоишӣ тасдиқ намудани маҳсулнокии технологияи дастгирии компютерии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ ва ғ. мусоидат намудаанд.

Пайдарпайи татбиқи ҳадаф ва вазифаҳо ба сохтори диссертатсия созгор буда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Унвонҷӯй муаррифии кори худро ба асоснок кардани интихоби мавзӯъ, муайян кардани объекти таҳқиқот бахшидааст, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян мекунад, ба аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот диққат медиҳад.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси маводи мушаххаси амалӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии он ба муҳаққиқ имкон додааст, ки вазифаҳои гузошташударо ҳал кунад. Дар маҷмӯъ, таҳқиқи методикаи омӯзиш ва таълими забони англисӣ барои хонандагони хурдсол бо дастгирии компютерӣ, ки аз ҷониби Мирзоев Ш.С. пешниҳод шудааст, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои омӯзиши самараноктар ва босифати забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, масъалаҳои умумии назариявӣ ва амалии таълими забони англисӣ ва дар маҷмӯъ низоми педагогика ва забоншиносӣ арзишманд аст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал методикаи омӯзиш ва таълими забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби миёна ба дастгирии компютерӣ дар шароитҳои нави низоми таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва маҷмӯӣ қарор гирифтааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот: -афзалиятҳои МИТ МТИ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои МТИ дар марҳилаи имрӯзаи такомулёбии он мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд; -муқаррароти мундариҷавӣ ва бо мақсади таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд; -тартиботи ташкил ва интихоби БТК оид ба дастгирии раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мушаххас карда шуданд; -маҷмӯи принсип, усул ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони

илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Шухрат Саидаҳмадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
хориҷии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Якубова Вилоят Абдураҳмоновна

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Тел./Факс: (992 37) 231 02 01
Тел.: (992) 231 08 37, моб. 935551304
www.feil.tj

Имзои Якубова В.А.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Раҷабов Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ